# ШАРҲИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СЕМОҲАИ ДУЮМИ СОЛИ 2019

*Дар давоми моҳҳои январ-июни соли 2019 вазъи молиявии низоми бонкӣ нисбатан беҳтар гардида, аксари нишондиҳандаҳои устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ талаботҳои муқарраршударо иҷро намуданд.*

**Кифоятии сармоя.** Дар моҳҳои январ – июни соли 2019 меъёри кифоятии сармоя (МКС) дар низоми бонкӣ ба 22,9 фоиз (К1-1) баробар гардид, ки аз талаботи муқарраршуда 10,9 банди фоизӣ зиёд мебошад. Сармояи танзимшавандаи низоми бонкӣ дар муқоиса ба моҳҳои январ–июни соли 2018 ба андозаи 1,8 фоиз афзуда, ба нисбатан беҳтар гардидани меъёри кифоятии сармоя мусоидат намуд.




**Пардохтпазирӣ.** Дар ҷамъбасти нимсолаи аввали соли 2019 меъёри пардохтпазирӣ дар сатҳи низом тибқи талаботи муқарраршуда иҷро гардида, 62,8 фоизро ташкил намуд.

Дараҷаи пардохтпазирии бо асъор ифодаёфтаи низоми бонкӣ бошад, ба 65,7 фоиз баробар гардид.




**Даромаднокӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ, вобаста ба кам гардидани хароҷотҳои амалиётӣ ва афзудани даромади фоизӣ, фаъолияти низоми бонкӣ мусбӣ ҷамъбаст гардида, сатҳи даромаднокии дороиҳо ва сармоя мувофиқан 2,5 ва 9,2 фоизро ташкил намуданд, ки нисбат ба нимсолаи аввали соли 2018 мувофиқан ба андозаи 0,8 банди фоизӣ ва 2,8 банди фоизӣ зиёд мебошад.




**Сифати сандуқи қарзӣ.** Бинобар идома ёфтани татбиқи чораҳо ҷиҳати беҳтар намудани сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ, ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз

батаъхирафтода) дар сандуқи қарзӣ ба андозаи 7,1 банди фоизӣ коҳиш ёфта, ба 25,5 фоиз баробар гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир нисбат ба қарзҳои ғайрифаъол, бинобар коҳиш ёфтани ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар низоми бонкӣ, дар муқоиса ба нимсолаи аввали соли 2018 ба андозаи 12,9 банди фоизӣ афзуда, ба 81,3 фоиз баробар гардид.

**Хавфи асъорӣ.** Дар нимсолаи якуми соли 2019 мавқеи умумии кушодаи асъорӣ дар ташкилотҳои қарзӣ кӯтоҳ буда, -5,3 фоизро ташкил намуд, ки меъёри муқарраршуда (К6-1)-ро таъмин менамояд.

Илова бар ин, дар давраи ҳисоботӣ 52,1 фоизи қарзҳои низоми бонкиро қарзҳо бо асъори хориҷӣ ва 48,0 фоизи пасандозҳоро пасандозҳо бо асъори хориҷӣ ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ мувофиқан ба андозаи 6,0 ва 6,1 банди фоизӣ кам мебошад.

**4. Сифати сандуқи қарзӣ**




**5. Нишондиҳандаҳои хавфи асъорӣ**




*Таҳлилҳо дар асоси маълумотҳои оморӣ ва ҳисобҳои Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида шудаанд.*